# 5.9 (10 01 00) ФИЛОЛОГИЯ
# 5.9 ФИЛОЛОГИЯ
# 5.9 PHILOLOGY

## 5.9.2 (10 01 03) ЛИТЕРАТУРА НАРОДОВ МИРА (ТАДЖИКСКО- ПЕРСИДСКАЯ ЛИТЕРАТУРА)
## 5.9.2 LITERATURE OF THE PEOPLES OF THE WORLD (TAJIK-PERSIAN LITERATURE)
## 5.9.2 АДАБИЁТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН (АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК)

*УДК 821.0*
*DOI 10.24412/2413-2004-2023-2-63-71*

### *БОЗТОБИ УСЛУБИ АВФӢ ДАР ИСТИФОДАИ САРЧАШМАҲОИ “ҶАВОМЕЪ-УЛ-ҲИКОЁТ ВА ЛАВОМЕЪ-УР-РИВОЁТ”*

***Агзамова Рухшона Эҳсоновна**, унвонҷӯи кафедаи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ “ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров” (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

### *СТИЛЬ АУФИ В ИСПОЛЬЗОВАНИИ ИСТОЧНИКОВ ДЛЯ «ДЖАВАМИ’ АЛ-ХИКАЙАТ ВА ЛАВАМИ’ АР-РИВАЙАТ»*

***Агзамова Рухшона Эхсоновна**, соискатель кафедры таджикского языка и литературы факультета восточных языков ГОУ “ХГУ имени акад. Б. Гафурова” (Худжанд, Таджикистан)*

### *AWFI’S STYLE IN USE OF THE SOURCES IN “JAWAMI’ UL-HIKAYAT WA LAWAMI’ UR-RIWAYAT”*

***Agzamova Rukhshona Ehsonovna**, claimant for Master’s degree at Tajik Language and Literature Department, Faculty of Oriental Studies, SEI “KhSU named after academician B.Gafurov” (Khujand, Tajikistan), **e-mail:** arukhshona84@gmail.com*

*Масъалаҳои услуби истифодаи сарчашмаҳо дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” баррасӣ гардида, вижагиҳои хоси услубӣ, аз ҷумла принсипу меъёрҳои истифода, риояи амонат ва асолати матни аслӣ ва монанди он баррасӣ ва бозгӯ карда шудааст. Қиёси ҳикоёт бо сарчашмаи аслӣ нишон додааст, ки Авфӣ дар нақли ҳикоёт марзҳои сарчашмаҳои худро шикаста, дар аксар ҳолат услуби ҳазфу ихтисорро ихтиёр мекунад, дар баъзе маврид ҳикоёт ва ё қисмате аз онҳоро ҷойгардон карда, дар бобҳои дигари асар ҷой дода, усули танзими маводро мувофиқи мақсади худ анҷом медиҳад. Иқтибос овардан аз сарчашмаҳои дигар, истифодаи абёту ашъори муносиб ва оёту аҳодис дар ибтидо ё ҷамъбасти ҳикоёт ба густариши қареҳаи хосаи Авфӣ замина фароҳам овардааст.*

***Калидвожаҳо**: услуби истифода, сарчашмаҳо, Авфӣ, “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”, услуби ҳазфу ихтисор, оёту аҳодис, қариҳа*

*Рассматривается стилистика использования источников для “Джавами’ ал-хикайат”, а также другие специфические стилевые особенности, включая принципы и параметры их использования, соблюдение достоверности и подлинности основного источника и т.п. Сравнение рассказов с первоисточником показывает, что Ауфи при изложении рассказа нарушает грани использованных источников и в большинстве случаев выбирает стиль сокращения, в некоторых случаях заменяет рассказ, а в других случаях – только его часть, или размещает рассказ в других главах своего произведения,*

*то есть, располагает материал по своему усмотрению. Сделан вывод, что основу своеобразной стилистики произведения Ауфи формирует цитирование им фрагментов также и из других источников, использование соответствующих стихов, аятов и хадисов в начале или в конце рассказа.*

***Ключевые слова:*** *Ауфи, "Джавами' ал-хикайат", стиль использования источников, стиль сокращения, аяты и хадисы, эрудиция*

*The article discusses the style of using sources in "Javami' al-hiqayat", as well as other specific style features, including the principles and parameters of use, respect for the reliability and authenticity of the main source, etc. Comparison of the stories with the original source shows that when presenting the story, Awfi violates the boundaries of his sources and in most cases chooses the style of reduction, in some cases replaces the story, and in other cases - only part of it or places it in other chapters of his work and, thus, has material of his choice. It is concluded that the basis of the original style is formed by Awfi also quoting from other sources, the use of appropriate verses, verses and hadiths at the beginning or at the end of the story.*

***Key words:*** *style of use, sources, Awfi, "Jawami' ul-hikayat", style of reduction, verses and hadiths, erudition*

"Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" маҷмӯаест дар ҳудуди беш аз ду ҳазор қиссаву ривоёт, ки чун манбаи бузурги адабиву иттилоотӣ барои илмҳои таъриху ҷомеашиносӣ, ахлоқу фалсафа, адабиёту забон, табиату ҷуғрофиё ва улуми дигар аз аҳаммияти хос бархурдор аст.

"Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" – асари донишманди маъруфи қарнҳои XII-XIII адабиёти форсу тоҷик Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар шумори осоре аст, ки пайваста мавриди таваҷҷуҳ ва пажӯҳиши адабиётшиносон қарор гирифта, ҳар яке дар таҳия ва нашри қисматҳои он саҳм гузоштаанд. Дар ин радиф олимонеро чун Маликушшуаро Баҳор, Муҳаммад Низомуддин, Муҳаммад Муин, Ҷаъфари Шиор, Бону Мусаффо, Бақоев М., Воҳидов С., Сангова Ҳ. зикр намудан ҷоиз аст, ки дар ин ё он ҷанбаи шинохту омӯзиши Авфӣ ва осори ӯ равшанӣ андохтаанд.

Ҳар яке аз олимони мазкур зимни тадқиқоти худ ба масъалаи маъхаз ва сарчашмаҳои "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" кам ё беш мутаваҷҷеҳ гардида, вобаста ба матолиби таҳқиқоти худ баррасӣ намудаанд. Аммо то ҳол тадқиқоти ҷудогона ва муфассале ба миён наомадааст.

Мусаллам аст, ки принсипу меъёри истифодаи сарчашмаҳо, риояи амонат ва асолати матни сарчашмаҳо танҳо дар сурати қиёси ҳикоёт дар маохизи мухталиф маълум мегардад. Аз ин хотир, барои қиёси ҳикоёт ба ҳайси манбаи муқоиса "Ғурар-ус-сияр"- и Абӯмансури Саъолибӣ (асри XI), ки яке аз маъхазҳои асосии "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" ба шумор меравад, баргузида шуд. Дар ин мақола дастхати маҳфуз дар китобхонаи миллии Порис (Sup. persan. 906) нусхаи асос қарор дода шуд.

Муҳаммад Авфӣ бахше аз китоби худ "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт", яъне қисми чаҳорум аз боби аввали китобро, ки ба шоҳони Аҷам бахшида шудааст, асосан дар заминаи се асари бузурги таърихӣ – "Таърихи Табарӣ", "Ғурар-ус-сияр"-и Саолибӣ ва "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ба қалам овардааст. Ба ин нукта худи ӯ низ дар муқаддимаи боби чаҳоруми асараш **"Дар таърихи мулуки Аҷам ва зикри давлати эшон"** ва ҷойҳои дигар иқрор мегардад: **"Уламои таърих дар зикри мулуки ҷаҳон ва хусравони замон таворихҳо сохтаанд ва тасониф пардохта ва дар аксару ағлаби он дур(р) бо садаф мамзуҷ асту дурӯғ бо рост дар он мухталит. Ва дар донистани аҳволу афъолу маротибу мадориҷ ва русуму қавонини эшон фавоид бисёр аст мар мулуки ҷаҳон ва раису маръус(ро). Ва агарчи зикри ҷумла мулук, ки баъд аз Одам, сафиюллоҳ, будаанд, имкон надорад,**

**аммо он чӣ аз эшон машҳуртаранд Муҳаммад Ҷарири Табарӣ дар таърихи хеш зикри эшон кардааст ва Саолибӣ дар "Ғурар-ус-сияр" ном (китобе зикри) эшон бурда, ва зикри эшон бар сабили эҷозу ихтисор гуфта ояд. Иншоаллоҳу таъоло"** (2, с.26).

Гарчанде "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"-и Авфӣ асари таснифӣ аст, муаллиф дар он ахбору нақлҳоро ба шаклу низоми хосе, ки зоҳиран дар зеҳни худ тарҳи онҳоро рехта буд, ба қалам меорад. Ин андеша зимни муқоисаи ҳикоёт ва ривоёт бо сарчашмаҳои аслии он равшантар намоён гардида, сабку услуб ва мақсаду ғарази муаллиф, ҳамчунин принсипу меъёрҳои истифодаи маводи сарчашмаҳо падидор мегардад.

Дар мавриди сабки Авфӣ шодравон Маликушшуаро Баҳор дар китоби худ "Сабкшиносӣ" андешаронӣ намуда, зимни он гуфтаанд: "Сабки ҳақиқии Авфиро аз "Лубоб-ул-албоб" беҳтар мешавад ба даст овард, чи дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" дуруст маълум намешавад, ки фалон ҳикоят аз қалами худи ӯст ё аз китобе форсӣ айнан нақл шудааст ва басо ҳикоёт, ки ба сабки Байҳақӣ дар он дида мешавад ва ҳарчанд аз тарафи муаллиф дар онҳо қалам бурда шудааст, маазолик услуби аслӣ аз байн нарафтааст. Гоҳе аз касрати тасаннуъу такаллуф иборат аз ҷодаи фасоҳату лутф берун бурда ва ба марҳалаи таассуфу таъқид уфкандааст ва гоҳе ибороте дорад, ки аз фарти содагӣ ба сабки қарни ҳаштум ва насри содаи давраи баъдӣ мерасад. Минҷумла, дар муқаддимаи "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" дар достони фатҳи қалъаи Бакр, ки васфи яке аз муҳорибот баҳреро ба даст гирифтааст, насре мутакаллифона дорад"(3, с.394).

Аз назари мо, услуби хоси худро дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" надоштани муаллиф маҳалли шакку тардид аст, зеро ки Авфӣ на ҳамеша ҳикоёту ривоётро бо он шакли аслие, ки дар сарчашмаҳо омадаанд ё аз ашхоси муайян нақл шудаанд, айнан нақл мекунад, балки бо риояи асноди ҳикоёт ба шеваи худ онро ба риштаи таҳрир мекашад, ки бо сабки хоси ӯ ба қалам омадаанд. Гузашта аз ин, ҳунари нависандагии Авфӣ дар бадеият бахшидан ба нақлу ҳикоёт ба он дараҷа ҷолиби назар аст, ки ӯ сарфи назар аз он ки сарчашмаҳо аз лиҳози мавзӯъ, замон ва сабку услуб хеле ва хеле гуногунанд, услуби хоси хешро барои тамоми ҳикоёт мутобиқ гардонида, қасре бузургу боҳашамат ва яклухту нотакрор – "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"- ро бунёд ниҳодааст.

Муҳаққиқи дигари "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"- и Авфӣ Сангова Ҳ. дар мавриди сабки Авфӣ ба қайд овардааст: "Сабки асосии Муҳаммад Авфӣ насри мурсал ба иловаи сабки наздик ба маснуъ аст. Ӯ услуби ягонаи худро дорад, вале вобаста ба маъхаз услуби ӯ тағйири шакл менамояд. Ӯ дар сабки маъхази асараш дахолати ҷиддӣ намекунад ва ин ҳолат сабаби гуногунии услуби ӯ гардидааст, ки инро қиёси ҳикоёти "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" бо маъхазҳои аслии китоб ба исбот расонида метавонад."(10, с.154)

Сируси Шамисо дар китоби худ "Сабкшиносии наср" дар ин бора чунин ибрози андеша намудааст: "Аммо ба таври куллӣ метавон гуфт, ки муқаддимаи китоби "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" ба насри маснӯъ ва аксарияти матни китоб ба насри содда аст" (14, с.165).

Барои мурур дар ин масоил саргузашти шоҳи қадимии форсҳо Ҷамшедро дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" ва қиёсан бо сарчашмаи он "Ғурар"-и Саъолибӣ баррасӣ менамоем. Дар китоби Саъолибӣ қиссаи шоҳ Ҷамшед бо унвони "Шоҳ Ҷамшед аз табори Ҳушанг" ва дар китоби Авфӣ бо унвони "Зикри подшоҳии Ҷамшед" омадааст. Дар "Ғурар"-и Саолибӣ ривояти шоҳ Ҷамшед чунин оғоз мешавад: **"Ҷамшедро ба ихтисор Ҷам низ меноманд ва гуфтаанд, ки ӯ Сулаймон ибни Довуд, ки бар ӯ салом бод, будааст. Ва ин ба куллӣ муҳол ва хатое бузург аст, ки миёни он ду беш аз ду ҳазор сол фосила аст ва чун фармонравоӣ ва ҳолоти вай ҳамсони фармонравоӣ ва ҳолоти Сулаймон дар нерӯ ва қудрат ва фармон рондан бар ҷинну инс ва ҷуз инҳо буда, гуфтаанд, ки ҳамон**

**Сулаймон аст. Аммо чӣ бисёр аст тафовут миёни он ду дар дудмон ва замону макон. Чун Ҷам дар иқлимҳо подшоҳӣ ёфт ва ҷинну инс ба фармони ӯ даромаданд, ба онон хитоб карду гуфт: “Ҳамоно ман бар шумо фармонравоӣ ёфтам, бо имтиёзе, ки Худованд махсуси ман сохт ва либоси нур бар ман пӯшонид, то заминро обод кунам ва мардумонро амон бахшам ва дод бигустаронам ва деҳиши фаровон кунам ва некӯӣ зинда созам ва бехи шарр бихушконам. Бар ӯ намоз бурданд, хушдил ва шодон шуданд”**(11, с. 13).

Дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” зикри шоҳ Ҷамшед ба таври зайл меояд: **“Ҷамшеди малик, ки хуршеди фалакҳикмат буд, баъд аз Одам, алайҳиссалом, ба ҳазор соли шамсӣ бар сарири подшоҳӣ нишаст ва дар баъзе таворих гуфтаанд, ки ӯ Сулаймон, алайҳиссалом, будааст, аммо он сухан дуруст нест, ки миёни ӯ ва миёни Сулаймон ду ҳазор сол зиёдат будааст, аммо иттифоқ аст, ки ҷинну шаётин мар вайро мусаххар будаанд”**(2, с.27)**.**

Дар ду иқтибосе, ки оварда шуд, фарқият дар мӯҳтавои қисса дида мешавад. Чунончи, нақле, ки аз шоҳ Ҷамшед аз “Ғурар”-и Саолибӣ манзур гардид, муфассал бо гуфторҳои шоҳ Ҷамшед баён гардидааст. Дар “Ҷавомеъ” муаллиф побанди сарчашма набуда, танҳо маълумоти аз назари ӯ муҳиму заруриро манзур гардонида, тафсилоти он сарфи назар карда мешавад.

Нуктаи дигаре, ки дар услуби Авфӣ ҳоизи таваҷҷуҳ аст, усули танзими мавод дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” мебошад. Аз назари аввал зимни қиёс ва омӯзиши матни ҳикоёт чунин вонамуд мегардад, ки Авфӣ маводи асарашро бо равиши сарчашмаи худ танзим намудааст. Аммо муқоисаи ҷумла ба ҷумлаи матнҳо дар ҳарду асар равшангари он мегардад, ки Авфӣ аз такрори айнии матни Саъолибӣ худдорӣ намуда, бо шеваи хоси худ онро ҷобаҷогузорӣ мекунад. Ба ҳукми мисол аз ин сарчашмаҳо мисол меорем.

Дар “Ғурар”-и Саъолибӣ идомаи ривоят чунин аст: **“Ҷам ба деҳишу некӯӣ пардохт ва ба сохтани ҷангафзорҳо ва зиреҳу зину лагом ва дигар афзорҳо ва васоил роҳнамоӣ кард. Сипас ба риштани абрешим ва каҷу (гаҷу) катону пунба ва фароҳам овардани ҷомаҳои рангоранг аз онҳо ва дӯхтану пӯшидани онҳо фармон дод ва мардумро ба растаҳо бахш кард, ки аз он ҷумла растаи лашкарӣ, ки нигаҳбони кишвар буданд ва растаи донишварони тан ва дин (пизишкон ва рӯҳониён) ва растаи нависандагон ва шуморгарон ва растаи бозаргонону пешаварон будаанд. Ҳамагонро ба анҷоми коре, ки бояста буд, фармон дод. Ҳар раста ногузир шуд, ки дар марзи худ бимонад ва аз он дарнагузарад ва пой аз гилеми хеш фаротар нанихад. Он гоҳ бо аҳриманони саркаш ба ҷанг пардохт ва бар онон тохту аз онон бикушт ва то бар эшон даст ёфт ва ба зери юғашон овард ва сахт бимолидашон ва ононро дар буридани сангҳо ва сахраҳои кӯҳҳову сангвораҳо ва фароҳам овардани сангҳои рухом ва гаҷу оҳаку зарниху соруҷ ва ба кор бурдани онҳо дар биноҳои калон ва коххои баланду ҳаммомҳо ва чархи чоҳу сангҳои осиё ва бастани пулҳои кӯчаку бузург ва берун кашидани тиллову нуқра ва мису сурбу қалаъ аз конҳо сахт ба кор гирифт. Он гоҳ ба истихроҷи мушку анбар ва дигар бӯйҳои хуш ва ба кор бурдани онҳо ва бархурдорӣ аз онҳо роҳнамоӣ кард ва низ ба гиёҳони доруиву доруҳо ва гиёҳони муаттар ва гирд овардани онҳо аз ҷоҳои дурдаст ва ба ҳам омехтану сохтани маъҷунҳо ва ба кор бурдани онҳо бар асоси қавонини пизишкӣ роҳ намуд. Он гоҳ дастур дод новаҳо ва киштиҳо бисозанд ва афзорҳои онро фароҳам оранд ва дар обҳо ба кор андозанд ва низ ба шиноварӣ дар зери об ва ба даст овардани гавҳарҳои зери дарё бипардозанд**”(11, с.14).

Дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” идомаи қисса чунин омадааст: **“Пас рӯй ба забти мулк оварду ба иморат машғул шуд ва фикрат бар эҳтимоми масолеҳи оламу оламиён мақсур гардонид ва бифармуд, то пунбаву қазро бириштанду ҷумла ҷома дӯхтанд ва пӯшиданд. Ва халоиқро синф-синф (кард) ва табақоти ҳар кас падид кард ва ҷамоате аз зуҳҳод, ки эшонро ба иморати дунё майл набуд ва рӯй ба кори охират доштанд, эшонро гуфт, то дар кӯҳҳо савмааҳо сохтанд ва ба ибодат машғул шуданд. Пас лашкариёнро аз бозориён ҷудо кард ва эшонро иҷрои муайян фармуд, то пайваста муҳайё бошанд аз барои дафъи фитна ва шарре, ки воқеъ шавад. Ва мартабаи уламову ҳукамо падид овард ва аҳли саводро бар зироату ҳиросат ва баъси маҳраз (таъриз) фармуд ва ҷавоҳиру нафоис аз конҳо бурун овард ва ба анвои атрҳо чун уду анбару мушку ғайри он ба ҳосил кард ва ҳар чизе таҷриба мекард ва [ба] анвоъи фавокиҳу наботҳо заминро меозмуд ва табоеи эшонро маълум мегардонид. Ва гӯянд, ки шароб дар аҳди ӯ падид омад ва онро шоҳдору мехонданд**”(2, с.27).

Дар ин ҷо зимни муқоиса маълум мегардад, ки Авфӣ ҳангоми нақли қисса усули танзими маводи сарчашмаи аслиро ба пуррагӣ риоя намекунад. Дар як ҳолат ӯ *ҷои ибороту ҷумлаҳоро иваз мекунад ва дар ҳолати дигар умуман ҳазфу ихтисорро* ихтиёр мекунад. Масалан, он чизеро, ки дар қиссаи Саъолибӣ аз дастуроти шоҳ Ҷамшед дар сохтани киштиву новаҳо ва афзорҳои он, ба шиноварӣ машғул шудану аз зери об ба даст овардани гавҳарҳои зери дарё ва ғайра нақл рафтааст, дар нақли Авфӣ намебинем. Авфӣ аз фаровонсуханӣ, ки хонандаро малол меоварад, худдорӣ менамояд.

Дар идомаи ин фикра мо як навъ навоварӣ ё мудохилаи Авфиро ба сюжети ҳикоят мушоҳида менамоем. Ин амал тариқи *дохил намудани ҳикояти ғайр аз сарчашмаи дигар* сурат мегирад ва ба гумони мо, чунин тағйирот бо мақсади тақвияти зарфияти иттилоотӣ ва обуранг бахшидан ба сюжети қисса ба зуҳур омадааст.

Қиссаи “Зуҳури шароб” дар ҳикояти Ҷамшед як навъ тағйирот дар танзими мавод маҳсуб меёбад. Ин ривоят дар “Ғурар”-и Саъолибӣ ба чашм намерасад ва аз ин хотир ба чунин худоса омадан мумкин аст, ки Авфӣ онро аз сарчашмаи дигаре, яъне ғайри “Ғурар”-и Саъолибӣ иқтибос менамояд. Қиссаи мазкурро Авфӣ маҳз дар идомаи нақл оид ба истихроҷи анвои атрҳо чун уду анбару мушку ғайри он ва таҷриба кардани анвоъи фавокиҳу наботҳо меорад ва ин ибтикори сохторӣ амри тасодуфӣ набуда, муаллифи ин қиссаро ба таври махсус бо мақсади пайванди он ва барои пайдарҳамии мантиқӣ корбаст мекунад.

Дар канори ин чанд нуктаи зикршуда, ки дар боби усули танзим баён карда шуд, боз як нуктаи дигар дар мавриди усули истиқболи Авфӣ вуҷуд дорад, ки он истифодаи ҳикояти ғайр аз сарчашмаи дигар мебошад (зеро Авфӣ ҳикоятро бидуни зикри сарчашма ва муаллифи он нақл менамояд). Қиссаи “Зуҳури шароб” дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” зимни ҳикояти шоҳ Ҷамшед чунин омадааст: **“Ва сабаби зуҳури шароб он буд, ки ангур латифтарини фавокиҳ аст ва ба сабаби тағйири ҳавову ҳуҷуми лашкари зимистон ботил мешуд ва дар айёми шитову фасли баҳор аз вай таматтуъ муяссар намешуд, пас хост, ки то оби он гирад то магар аз оби ӯ ҳама вақт интифоъ тавонад гирифт. Ӯро дар ованде карданд ва Ҷамшед ҳар рӯз биёмадиву ҳоли ӯ мушоҳида кардӣ. Аввал ба қувват бар худ биҷӯшид ва тирак биандохт, баъд аз он сокин шуд. Ва ҳар рӯз Ҷамшед ӯро мечашидӣ ва иёри ӯро бар маҳаки мазоқ арза мекардӣ. Ва чун аз ҷӯш биистод, талх шуд ва ҳаловати ӯ намонд. Ҷамшед гумон бурд, ки магар заҳри қотил шуд ба сабаби талхиву тағйири мизоҷ. Пас онро сар бастанду бигузоштанд, бар занни он ки заҳре ҷонгудоз аст. Ва мар Ҷамшедро канизаке буд, ки хуршед доягии ҷамоли ӯ карда буд ва моҳ ротиба аз камоли ӯ гирифта. Вақте мар ин канизакро иллати шақиқа**

**ҳодис шуд ва аз дард бетоқат гашту ба марг розӣ шуд, бо худ гуфт: Савоб он аст, ки биравам ва қадре заҳр аз он тановул кунам, то ба як бор халос ёбам. Пас кадаҳе бардошту аз он хамр қадре бихӯрд ва эҳтизозе дар вай падид омаду дарди сар камтар шуд. Онро сиҳат расонид ва ба хона омад тайибуннафс гашта, хоб бар вай ғалаба кард. Баъд аз он ки чандин шабонарӯз хоб ба зиёрати пилки чашми ӯ наёмада буд, як шабонарӯз бихуфт ва чун бедор шуд аз он заҳмат халос ёфта буд. Он ҳол бо Ҷамшед тақрир кард. Ҷамшед аз он бичашид, лаззате ёфт ва дар бештари илалу амроз онро ба кор мебурданду сабаби шифо мешуд ва онро шоҳдору ном карданд”**(2, с. 27).

Ҷоизи зикр аст, ки муайян намудани сарчашмаи қиссаи зуҳури шароб як андоза мушкилиро ба миён меорад, аз он нуқтаи назар, ки саргузати шоҳ Ҷамшед қиссаи хеле қадимӣ буда, дар сарчашмаҳои зиёд бо шаклҳои гуногун омадааст. Зимни ҷустуҷӯи калимаи “шоҳдору”, ки дар замони Ҷамшед шаробро чунин номгузорӣ карда буданд, дар луғатномаҳои муътабар чун Фарҳанги Онандроҷ (8, ҷ.4, с.2573), Деҳхудо (6, ҷ.9, с.14074), Бурҳони қотеъ (4, ҷ.3, с.1234) маълум гардид, ки ин қисса дар замонҳои гуногун дар маъхазҳои мухталиф омадааст. Аз ҷумла, қиссаи зуҳури шаробро мо дар “Равзат-ус-сафо”-и Мирхонд (7, с.518) вомехӯрем. Дар фарҳанги “Бурҳони қотеъ” ин қисса ба иқтибос аз “Нафоис-ул-фунун” ва “Маздаясно” буда, айни ҳикояти Авфӣ мебошад.

Ҳикояти дигаре, ки Авфӣ зимни нақли ҳикояти шоҳ Ҷамшед дар китоби худ ҷой медиҳад, боз як қиссаи дигар дар мавзӯи шароб ва майгусорӣ мебошад. Ин қисса дар “Ғурар-ус-сияр” низ омадааст, аммо фарқият дар он аст, ки Саъолибӣ ҳикоятро зимни нақли шоҳ Ҷамшед наоварда, балки дар ривояти Кайқубод бо унвони “Достоне дар бораи шаробхорагӣ, ки дар рӯзгори Кайқубод рух дод” нақл мекунад, яъне Авфӣ ҷои ҳикоятро дигар мекунад.

Муҳтавои қисса чунин аст, ки Кайқубод дар саҳро мастеро афтодаву хобида бидид, ки зоғ омада, чашмони ӯро бармеканд. Чун Кайқубод онро дид, мутаассир гашт ва шаробро ҳаром кард. Муддате халқ аз бими шамшери ӯ аз нӯшидани шароб мумтанеъ шуданд, то рӯзе шере аз шерхона мебарояд ва касе наметавонад ӯро дастгир кунад. Ҷавоне пеши он шер омада, ӯро дастгир менамояд ва вақте мепурсанд, ки чунин ҷуръат аз чӣ сабаб аст, посух дод ки аз сӯзи ишқ қадре шароб нӯшидааст, то каме фаромӯшӣ аз бори ғами ишқ ӯро ғалаба кунад. Пас чунин дастур шуд, ки “шароб чандон хӯред, ки шергир шавед, на чандон ки зоғ чашмҳоятон барканад”(2, с. 27).

Дар “Ғурар”-и Саъолибӣ ин ривоят бо андак тафовуте дар вожаҳо ва мазмун омада, чунин ба назар мерасад, ки Авфӣ бо мақсади пайванди мантиқӣ бахшидан ва умумияти мавзӯъ саргузашти Кайқубодро ин ҷо зикр менамояд ва дар услуби худ ҳазфу ихтисорро пеша мекунад.

Ҳамин тавр, Авфӣ пас аз андак инсироф аз матни сарчашмаи худ, яъне “Ғурар” дубора ба он руҷӯъ мекунад ва мутобиқи тартиби ҳикоёт дар китоби Саъолибӣ дар бораи шоҳ Ҷамшед нақли ҳикоёт идома меёбад.

**“Ҳикоят. Гуфтаанд, ки чун ҷинну инс мусаххари Ҷамшед шуданд, ӯ мар эшонро корҳои қавӣ фармуд. Ва ба ҷиҳати вай иморатҳои олӣ карданд ва гаҷ аз замин бароварданду кӯшкҳову гармоба сохтанд. Ва Ҷамшед бифармуд, то девон ба ҷиҳати ӯ гардуне карданд аз оҷу соҷ ва онро ба дебо бипӯшониданд. Ва бар он ҷо нишасту девонро мисол дод, то онро бар китфҳои худ бардоштанду дар ҳаво бурданд, чунонки дар як рӯз аз Дамованд ба Бобул расиду он як манзил карданд ва он аввал рӯз аз Фарвардинмоҳ буд, аввали баҳор, ки мавсим [ҳаёт] ва муддати ҷӯйбору тароваmи**

**гулзор [аст]. Пас Аҷам он рӯз муборак шумурданд ва он рӯзро Наврӯз хонданду иде карданд** (2, с. 27).

Ин қисмати ҳикоят дар “Ғурар-ус-сияр” айнан бо ҳамин мазмун, аммо бо андак тафовут дар ибороту муфрадот нақл мешавад.

Аз вижагиҳои дигари сабки Авфӣ *истифодаи оёту аҳодис ба сифати шоҳиди маънӣ ва таъйиди андешаи шахсии муаллиф мебошад, ки мақсади таъсир расонидан ба зеҳни хонандаро пайгирӣ мекунад.* Ин амр ғолибан дар ибтидо ё миёнаи нақли ҳикоёт дида мешавад, ки бешубҳа, ба композитсияи асар бетаъсир намемонад.

Чунин корбурд дар қисмати дигари ривояти шоҳ Ҷамшед ба таври зайл сурат мегирад: **“Ва ҳарчанд, ки арбоби таворих он маъниро нақл кардаанд, аммо ба ҳукми ҳақиқату ҳукми шариат он сифат муъҷизаи Сулаймон буд, салавотуллоҳи алайҳи, ки ҳикмати илоҳӣ ӯро аз бодпой воҳӣ сохта буд. Подшоҳӣ [ва] пойгоҳи ҷоҳи ӯ ба ҳадде расида буд, ки қурси заррини офтобро ба ройи ӯ роҷеъ мекарданд ва ӯ ба қурси ҷавин, ки аз баҳои занбили бофтаи дасти худ ба ҳосил кардӣ, ифтор мекард. Лоҷарам ҷазо ба сазо даромад. Чун мард қадам бар ҳаво ниҳод, қадами ӯро бар ҳаво ниҳоданд, чунонки Қуръон баён кард: ва ли Сулаймон-ар-риҳа удуввуҳо шаҳрун (ва барои Сулаймон бодро мусаххар сохтем, сайри аввали рӯзи ӯ якмоҳа роҳ буд (Сураи Сабо, ояти 12)**”(2, с. 37).

Дар канори тағйироти мазкуре, ки дар усули танзими мавод ба чашм расид, омили дигареро низ қобили зикр аст, ки аз хасоиси шеваи Авфӣ мебошад. Зимни муқоисаи ҳикоёт дар ду асар хусусияти дигари истифодаи озоди сарчашма дар услуби Авфӣ мушоҳида гардид. Мақтаъе дар ҷамъбасти ривояти шоҳ Ҷамшед дар китоби “Ғурар” омадааст, дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” дида намешавад, яъне Авфӣ онро ҳазф намудааст.

**“Ҳикоят. “Дар китоби “Ойин” омадааст, ки пойгоҳҳои мардум дар рӯзгори Ҷамшед бар соли умр буда ва он ки соли умраш бештар буд, бар ҷое бартар менишаст. Пас дар рӯзгори Заҳҳок (Аждаҳоқ) бартарӣ ба молдорӣ ва сарват буд. Пас аз он дар мулкати Афредун бар молдорӣ ва пешинагӣ ва пас аз он дар рӯзгори Манучеҳр бартарӣ бар бунёди асолат ва қидмат буд. Пас аз он ба рӯзгори Кайковус бартарӣ бар хираду ҳикмат буд ва ба рӯзгори Кайхусрав бар далерӣ ва шоистагӣ буд. Пас аз он, ба рӯзгори Лӯҳросб бартарӣ ба диёнату буд ва пас аз ӯ дар подшоҳии подшоҳони дигар бартарӣ ба шарофати зотӣ буд ва пас аз онон дар рӯзгори Анӯшервон бартарӣ бар маҷмӯи маншаъҳои (муншӣ) гуфташуда буд, ба ҷуз дорандагӣ ва бениёзӣ аз мол, ки Анӯшервон онҳоро ба шумор намеовард. Мегуфтанд меҳри Ҷам ба мардумаш монанди меҳри падар ба фарзанд буд ва рафтори Заҳҳок бо мардум рафтори васанӣ (ҳавр, ҳув - ду ҳамсари як шӯй) бо васанӣ буд ва Афредун бо мардумаш монанди бародар буд бо бародар ва Афросиёб бо мардумаш чун душман буд бо душман ва Гуштосб бо мардумаш чун муаллим буд бо кӯдакон”** (11, с. 16)**.**

Фиқраи мазкурро Авфӣ дар боби дигари китоби худ – боби ҳафтум аз қисми аввал “Дар сирати мулук ва ахлоқи эшон”, яъне боби махсуси зиндагии шоҳон набуда, ба ҷой додааст. Дар ин ривоят ба пойгоҳҳо ҷудо намудани мардум дар замони шоҳҳои гуногун зикр шуда, дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”-и Авфӣ низ мавқеи худро ёфтааст, ки амри тасодуфӣ набуда, аз корбурди махсуси Авфӣ дар бандубасти матлабҳои худ ба шумор меояд.

Масъалаҳои таҳаввули жанрӣ ва истиқлоли комили ҳикоят, вижагиҳои сабку услуб ва хасоиси муҳимтарини ҳикоятро Салимов Н.Ю. дар китоби худ ба тафсил баррасӣ ва гурӯҳбандиву ҷамъбаст намудаанд. Аз ҷумлаи вижагиҳо “нуфузи ибора, таркиб, ҷумалот ва ашъори арабӣ дар забони ҳикоёт, ҷамъбаст ва хулосаи манзум аз матолиби мавриди назар, тасаллути саноеъи бадеӣ, ба хусус сабки насри мусаҷҷаъ дар забони ҳикоёт”, ки аз

вижагиҳои сабку услуби нигориш ва забону ҷанбаҳои ҳунариву жанрӣ маҳсуб меёбанд, дар ҳикоёти баррасикардаи мо воқеияти худро дарёфтанд (9, с.320).

Ҳамин тариқ, дар доираи ин баррасиҳо маълум гардид, ки Авфӣ дар истифодаи сарчашмаҳои ҳикоёти худ хеле озод ва мустақил буда, меъёри истифодаи онҳо тартиби хос ва шеваи муайянро ба худ касб менамояд. Натиҷаи қиёси ҳикоёт моро ба чунин хулоса мувоҷеҳ намуд, ки Авфӣ дар нақли ҳикоёт марзҳои сарчашмаи худро шикаста, дар аксар ҳолат услуби ҳазфу ихтисорро ихтиёр мекунад. Ҳамчунин вобаста ба мавзӯи бобҳои асари худ ҳикоёт ва ё қисмате аз онҳоро ҷойгардон карда, дар бобҳои дигар ҷой медиҳад ва ба ин восита усули танзими маводро мувофиқи мақсади худ анҷом медиҳад. Лозим ба таъкид аст, ки иқтибос овардан аз сарчашмаҳои дигар дар баробари сарчашмаи асосӣ, истифодаи абёту ашъори муносиб ва оёту аҳодис дар ибтидо ё ҷамъбасти ҳикоёт фардияти сабки таълифи асарро фароҳам оварда, ба густариши қариҳаи хоссаи Авфӣ дар нигориши ҳикоёт роҳро ҳамвор карданд.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Авфӣ, Муҳаммад. Гулчини Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт [Матн]/М.Авфӣ; Тартибдиҳанда ва муаллифи муқаддима М.Бақоев. - Душанбе: Ирфон, 1966. – 172с.*
2. *Авфӣ, Муҳаммад. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт. Нусхаи китобхонаи миллии Порис. (Suppl.persan 906). - 359 с.*
3. *Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.*
4. *Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ [Матн]/ - Теҳрон: Ибни Сино, 1963. –Ҷ.3. – 1218-1923 с.*
5. *Вохидов, С. Жизнь и творческое наследие Мухаммада Авфи [Текст]/ С. Вохидов. – Душанбе: Дониш, 1989 – 168с.*
6. *Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома [Матн]/А.Деҳхудо. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, чопи дувум аз давраи ҷадид, 1377. – Ҷ.9. – 12809 – 14464 с.*
7. *Мирхонд, Муҳаммад. Таърихи равзат-ус-сафо фӣ сиратил анбиё вал мулук вал хулафо [Матн]/М. Мирхонд; Тасҳеҳ ва таҳшияи Ҷамшеди Каёнфар. Ҷ.1. – Теҳрон: Интишороти Пирӯз. 1338. – 812 с.*
8. *Подшоҳ, Муҳаммад. Фарҳанги Онандроҷ [Матн]/ М.Подшоҳ; Зери назари Муҳаммад Дабир Сиёқӣ. – Теҳрон: Хайём, 1335. – Ҷ.4. – 2551 – 2600 с.*
9. *Салимов, Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) [Матн]/Н.Салимов - Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 398 с.*
10. *Сангова, Ҳ. Таркиб ва мундариҷаи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” [Матн]: Дисс. номз. илм. филол. – Душанбе, 2003. – 169 с.*
11. *Саолибӣ, Абӯмансур. Таърихи Саъолибӣ машҳур ба “Ғурару ахбари мулукил фурс ва сияриҳим” [Матн]/А.Саолибӣ; Ҳамроҳ бо тарҷумаи муқаддимаи Зотенберг ва дебочаи Муҷтабо Минавӣ. Пешгуфтор ва тарҷумаи Муҳаммад Фазоилӣ. – Теҳрон: Нашри “Нуқра”, 1368 – 520 с.*
12. *Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн]: Иборат аз се ҷилд/З.Сафо – Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1371. – Ҷ.1. – 816 с.; Ҷ. 2-1/2.-1128 с.; Ҷ.3. – 1/2 – 1396 с.*
13. *Ҳамробоев, Н. Роҳҳои таъсири адабиёти тоисломии эронӣ ба арабӣ [Матн]:/ Раҳоварди олимони ҷавон/Н.Ҳамробоев. – Хуҷанд, 2003.– Ҷ. 6. – С. 58-61.*
14. *Шамисо, Сирус. Сабкшиносии наср [Матн]/С.Шамисо.– Теҳрон: Митро, 1377. – 319с.*

**_REFERENCES:_**

**1.** *Awfi, Muhammad. Selection of Jawami' ul-hikayat. Compiler and Preface Author Baqoev M. – Dushanbe: Irfon, 1966. – 172pp.*

**2.** *Awfi, Muhammad. Jawami' ul-hikayat wa lawami' ur-riwayat. Manuscript of National Bibliotique of Paris. (Suppl. pers. 906). 359pp.*

**3.** *Bahar, Malik al- Shu'ara. Stylistics or History of Development of Persian Prose. – Dushanbe: Bukhoro, 2012, 570pp.*

**4.** *Burhon, Muhammad Hosayn. Borhan-e Qate' Dictionary. Tehran, Ibni Sino, 1963. – V. III. – 1218-1923 pp.*

**5.** *Vohidov S. The Life and Creative Heritage of Muhammad Awfi. Dushanbe: Donish, 1989. – 168p.*

**6.** *Dehkhudo, Aliakbar. Dictionary. V.9 Tehran: Tehran University Publishing House, 1377. 12809 – 14464 pp.*

**7.** *Mirkhond Muhammad. Ravdat-us-safa. Corrections and Instructions by Jamshed Rayonfar. V.1. Kayom Editing House.1338, 812 pp.*

**8.** *Podshoh, Muhammad. Farhang-i Onandroj. Edited by Muhammad Dabir Siyoqi. – Tehran, Khayom, 1335. – V.4. 2551 – 2600 pp.*

**9.** *Salimov N. Stylistic Stages and Emerge of Prose Types in Persian and Tajik Literature (IX-XIII)/Khujand: "Nuri Ma'rifat", 2002. – 398 pp.*

**10.** *Sangova H. Composition and the Content of Jawami' ul-hikayat// Diss. thesis of candidate of philological sciences. – Dushanbe, 2003. – 169pp.*

**11.** *Safo, Zabehulla. Literary History of Iran. V. 1-3. Tehran: Firdawsi Editing House.1371, V.1 – 816p, V.2 – 1/2. – 1128p, V.3 - 1/2 – 1396pp.*

**12.** *Tha'alibi, Abumansur. Tha'alibi's History. Intr. by Zotenberg and Mujtabo Minavi. Trsl. Muhammad Fadaili. Tehran: "Nuqra" Editing House, 1368– 520 pp*

**13.** *Hamroboev N. The Ways of Impact of Pre-islamic Iranian Literature on Arabic Language// Proceedings of Young Scientists. V.6. Khujand, 2003. – PP. 58-61.*

**14.** *Shamiso, Sirus. Stylistics of Prose. – Tehran: Mitro, 1377. - 319pp.*